БАКТРИЯ
Маркази Фарҳангии

# Тирезаҳ

Бюллетен

Он ҷое, ки одамон
ва эҷодиёт во мехӯранд

Май
Июн

| 2010
Нашри 3

**В выпуске:**

**Fete de la Musique**
**Interview with Antoine and Dormoy**
**| 2**

**Tajikistan I:**
**Dushanbe Jazz Festival**
**| 3-4**

**Contemporary art in a department store**
**| 5-6**

**Escape from inevitability in the novel by Gilbert Sinou**
**| 7**



www.bactria.net
Bactria Cultural Centre
ak. Rajabovih 15 str., 734000 Dushanbe
Phone: +(992 372) 221-92-89, 27-03-67, 224-65-83
bactria@acted.org

ACTED

# Fete de la Musique | Interview with  Antoine and Dormoy

***Alors, quelles sont les particularités du genre musical sur lequel vous vous concentrez dans votre travail?*** *Махсусиятҳои жанри мусиқие, ки шумо бо он фаъолият мекунед, дар чист?*

Ман ба ин жанри мусиқӣ тариқи ҷаз омадам, аниқтараш тариқи шакли аз ҳама озод  ва имправизатсионии он. То ҳол маро ҳиссиёти он ки ман ҷаз навозанда ҳастам дур намемонад, сарфи назар аз он ки, ё шояд аз барои он ки дар мусиқии ман бештар элементҳое, ки аз дигар фарҳангҳои мусиқӣ, мисли мусиқии электронӣ, рок, мусиқии Осиёи Марказӣ, …. мебошанд, вуҷуд дорад.

Моҳияти ҷаз, аз оғози пайдошавиаш то замони мо дар он мебошад, ки элементҳои хеле гуногун ё ҳатто хеле аҷоиброи якҷоя карда, омехта мекунад, ба худ мегирад, муқоиса ва мутобиқ менамояд.

***Pourquoi faites-vous de la musique électronique?*** *Барои чӣ мусиқии электрониро менавозед?*

Ман мусиқии электрониро наменавозам! Ман асбобҳои мусиқии электрониро истифода мебарам, мисол компютер, идеяҳо ва садоҳоро аз он мегирам.



Истилоҳи мусиқии электронӣ ба худ сабкҳои бисёри мусиқиҳои гуногунро дар бар мегирад, аз ҳама оммавӣ сар карда, мисли техно, то хеле экспериментали, мисли акусматика. Идеяҳоро ман аз ҳар ҷо ҷамъ мекунам, бе ягон парҳезӣ. Аз рӯи идеяи худ ин мисли идеяи истифодабарии сэмплҳо, ки ба сабки алоҳидаи мусиқӣ ташкил ёфтааст, мебошад! Аз рӯи назари ман, дар натиҷа пештара барин ҷаз мешавад, албатта на мисли он ҷаз, ки дар консерваторияҳо дарс дода шуда, маъниаш дар такрорҳои бешумори ҳамон стандартҳое, ки дар солҳои шастум эҷод шуда буданд, балки он ҷазе, ки доимо шаклҳо ва мазмуни навро ҷустуҷӯ мекунад.

***Quelles sont les motivations dans votre projet coopération avec les musiciens traditionnels tadjiks?*** *Шуморо дар ин лоиҳаи ҳамкорӣ бо навозандагони тоҷик, чӣ ҷалб мекунад?*

Мо аллакай навъҳои гуногуни мусиқии электрониро қайд карда будем. Ба фикри ман, дар мусиқии анъанавӣ ҳам эҷодкунӣ ба тарзи монанд, карда мешавад. Ана ман ҳам кӯшиш мекунам, ки бо шаклу фарҳангҳои мусиқии дигар шинос шавам, то ки ҷазро боз ҳам ғанитар кунам, таъсиротҳои ногаҳониро пайдо намоям, ин элементҳоро мутобиқ ё муқоиса кунам, монандиҳо ва гуногуниҳои инҳоро нишон диҳам. Дар Осиё Марказӣ ман барои худ бисёр қабатҳои фарҳанги мусиқиро кашф намудам, ки ҳам шинос менамуданду ҳам баръакс ношинос. Дар онҳо, он чиз инъикос меёбад, ки ман дар мусиқӣ меҷӯям, сарфи назар аз он ки, ман мутаассифона мусиқишинос нестам. Дар дунё анъанаҳои мусиқии аз ин наздиктар барои ман вуҷуд надорад, шояд ман ҳоло намедонам.

***Qu'est-ce que les musiciens tadjiks peuvent attendre de cette coopération?***
*Чиро навозандагони тоҷик аз ин лоиҳа мунтазир шуда метавонанд?*

Аз ҷониби ман хеле кори бемулоҳиза мешавад, агар ки ба навозандагони тоҷик ягон чизро омӯзонидан мақсад мегузоштам. Нерӯи анъанаи мусиқии онҳо аллакай бузург аст.
Танҳо мехостам, ба онҳо пешниҳод кунам, ки зудтар як навъи дунёи мусиқиро ба худ таъсис намуда, дар дохили он, озодона импровизатсия кунанд, садоҳо ва мақомҳоро эҷод карда, бо оҳангҳои анъанавии худ омехта кунанд, то он ки чунин якҷоякунии нодир тавонад боз ҳам хубтар боигарии анъанаи мусиқии онҳоро нишон диҳад.

***Avez-vous des expériences de coopération artistique en Asie Centrale et comment les décrirez-vous ?*** *Чӣ гуна таҷрибаи гузаронидани лоиҳаҳои муштаракро шумо аллакай доред ва чӣ тавр онро шумо ба мо шарҳ медодед?*

Ман бо мусиқии анъанавии узбекӣ дар консерте, ки ман ва Рудолф Бургер дар Тошканд соли 2005 дар ҳамкорӣ бо навозандагони ӯзбек гузаронида будем, шинос шуда будам. Воҳӯриҳои мо чунон пурбарор буданд, ки аз ҳамон вақт то ҳозир мо доимо ҳамҷоя навохтанро давом медиҳем. Онҳо дар ҳақиқат иштирокчиёни гурӯҳи мо шуда монданд. Барои ман мусиқии онҳо экзотикӣ намебошад. Маҳз эҳсосоти мӯътадилӣ, табииро ман дар ҳамкорӣ бо навозандагони тоҷик дидан мехоҳам, ва ман мехостам, ки ҳамҷоя бо онҳо як чизи табиии, муқаррариро эҷод намоям.

Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт вомехӯранд

www.bactria.net

Ҳайати муҳаррирон:  Анна Басанова (муҳаррир), Фарух Кузиев
Тарҷума: Сӯҳроб Мирзоалиев, Толиб Бахромӣ.
Дизайн: Антон Рухлов
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов, Нозим Қаландаров

# Tajikistan I: Dushanbe Jazz Festival

Onto the Festival:

Ба ҳар ҳол омадам, то бубинам, ки роҳбари гурӯҳи Мизроб, Иқбол Завқибеков, мисли пешина барои филмҳо мусиқӣ менависад ва умуман як дунё мусиқии “модернизатсия” карда шударо эҷод мекунад, ки замимаҳо аз элементҳои поп/рок доранд, мисли гитараҳои носоз, ки аз асбобҳои анъанавӣ фарқ мекунанд. Ин хеле шавқовар мебошад… ман инро дар бисёри давлатҳои Шарқ мушоҳида намудам: сабки анъанавии худро гирифта, онро бо илова намудани элементҳои поп/данс/филм-скор, боз ҳам ҷолиб мекунанд.

Инак… дар репетитсияи якум бо навохтани порчаи мусиқии онҳо, ки онро ман менавохтам, ва қисми оҳанги ман, ки онҳо бояд менавохтанд, самимӣ гӯем агар, онҳо ҳатто нигоҳ накарда навохтанд.

Порчаи онҳо ба сабки попи-тоҷикӣ монандӣ дорад… оҳанги гитара дар намуди қариб, ки сабки роки классикӣ бо саксафонӣ сопрано ҳамҷояшуда, ки оҳанги анъанавиро, боз ҳам анъанавитар менавохт. Мақомҳо хеле оҳанги хуб меоранд, гарчанд ки оддӣ ва дар воқеъ мисли мурoҷиат ба аудитория менамояд, таъсир доранд. Зеро ки ин оҳанг элементҳои асосиро аз ҳар як сабк мегирад, ҷилояш кам аст, аммо ин хуб менамояд ва аудитория онро сурудан мегирад. Ман бошам ба оҳанг овоз замзама мекунам (ҳангоми алтро бо саксафон навохтан), ва солои импровизатсиониро иҷро карда истодаам, бисёр аҷиб. Бештари сабки ман, агар шумо шунида бошед, ба оҳангҳои Гровер Вашингтон ДЖр. ва Эрик Долфи монандӣ дорад… Фикр мекунам, ки ман онҳоро каме тарсондам…



Ба ҳар ҳол, порчаи мусиқии ман (мактуб ба Душанбе) барои тамошобинон душворфаҳм буд. Ман дуруст кардам, ки пеш аз фиристодан онро аз нав навистам…онҳо дар ҳақиқат нотаҳоро нахонданд… ё хеле кам хонданд, ва онҳое, ки метавонистанд, ба он аҳамият намедоданд. Ҳамин тавр, ман бояд ба онҳо порчаро даҳонакӣ меомӯхтам, ки ин хеле аҷиб, хеле шавқовар буд, зеро тарҷумони ман, ҷавони хуб номаш Киррил – истилоҳҳои мусиқиро намедонист.

Қисми душвораш фаҳмонидани ритми Самба буд… Ман фикр доштам, ки ин осон мешавад ва таркиби торҳоро фаҳмонидан душвор мешавад. Аммо боз ин тавр не, Иқбол хеле хуб таркиби торҳои оҳанги маро фаҳмид, лекин ритми Самбаро… нақорачӣ онро мисли рок мезад. Ман шунида будам, ки мардуми ин ҷо ду сабки гуногунро менавозанд, сабки тоҷикӣ ва рок… ҷаз бошад он қадар не ва дар бобати Самбаи Бразилиягӣ бошад тамоман аз хотир бароред ҳам мешавад! Ниҳоят дар (дар саҳна) ман мушоҳида кардам, ки ӯ чизе хеле наздик менавозад… Намедонам чӣ тавр ӯ кард, лекин ӯ як чизеро ба навохтан сар кард ки ба Калипсо монанд аст… Ман мегуфтам «Оличаноб! Бале! Боз наздиктар! Хеле хуб!».

Масъали дигар дар он ки ман кӯшиш мекардам, ки ин бачаҳо навозанд, хуб ба ҳар ҳол як натиҷа дод… Навохтани онҳо, ҳатто дар сабки худашон, ки хеле идорашаванда ва ҷиддӣ мебошад… гарчанде ки мусиқии анъанавӣ ҳамин тавр мебошад: хеле консервативӣ. Порчаи мусиқии ман барои онҳо ёзанда буд, дар он бисёр гурӯҳҳои импровизатсиониро иҷро кардан мумкин аст, ки онҳо одат накардаанд, ва забони русии манн ҳам он қадар хуб нест ва ман дар ин ҷо истилоҳи лозимиро истифода кардан мехостам, ки маъниаш ана ҳаминро мехостам, мебошад.

Дар охир онҳо тавонистанд ё ҳадди ақал баъзеи онҳо тавонистанд. Натиҷаи ниҳоӣ хеле олӣ буд. Баромади мо охирин дар шоми охирини Фестивал буд. Худи Фестивал аз рӯи барнома ва ташкилкуниаш наонқадар хуб мегузашт. Консертҳои марафониро дар толори консертӣ баргузор кардан ин марги ҳар як фестивал мебошад, алалхусус ҷаз фестивал, ки дар он тамошобинон бояд кай ки

## Tajikistan I: Dushanbe Jazz Festival *continuation...*

хоҳанд биёянду кай ки хоҳанд раванд. Ман зиқ будам, ҳама зиқ буд, гузориш худаш зиқ мекард. Ин як хусусияти консервативиест, ки ҷаз (ва ҳамаи дигар санъатҳо) дар собиқ давлатҳои СССР ташаккул меёфт.

Консерватизм ин идеяи асосӣ дар ин ҷо. Дар замони шӯравӣ, ҷаз ҳамчун мусиқии ношуд ба ҳисоб мерафт. Ман бисёрҳо маротиба онро ҳимоя менамудам ва он рустӣ навохта мешуд. Акнун, тарс дар он аст, ки ин мусиқӣ мақоми худашро мегирад. Донишҷӯён навозандаҳои машҳурро ва махсусан сабтҳои хосро нусхабардорӣ мекунанд, тақлид мекунанд. Ман дар бораи навозандагони боистеъдод шунидам, аммо дар воқеъ ягон импровизатсияи хуб набуд. Онҳо оҳангҳои дигаронро медуздиданд. Чӣ тавре ки ман пештар қайд карда будам, чунин ҳолат дар




ҳамаи кишварҳои собиқ коммунистӣ буд (дар баъзеаш то ҳол аст). Ҷаз мисли як фан шудааст, на мисли мусиқии классикӣ. Солоҳои импровизатсионии навозандагони бузургро мисли этюдҳо меомӯзанд ва дар ёд гирифта тақлид мекунанд. Ман инро аз ҳамаи гурӯҳҳои давлатҳои собиқ шӯравӣ дар фестивалҳо фаҳмидам.

Ман бояд ягон вақт рост истода оиди ин кор мегуфтам…

Ва дар охир, пас аз Фестивал, вохӯрии муҳокимавӣ дар мизи мудаввар бо ҳамаи иштирокчиён (ё аққалан намояндагони онҳо), баргузор карда шуда буд. Мақсади ин вохӯрӣ дар муҳокимаи ҷиҳатҳои хубу бади Фестивал ва роҳҳои беҳтар намудани он буд. Акнун, яке аз хислатҳои аз ҳама хосу ба хашм меовардагӣ дар давлатҳои собиқ шӯравӣ, ин аст, ки ҳангоми муҳокима, ҳатто агар ин муҳокима оиди хатоҳо бошад, ҳама ба таърифкунии директор ва ташкилотчиё ва иштирокчиён мегузаранд ( ва хеле пурра номабар мекунанд). Ҳар касе ки сухан мегӯяд, маҳз ҳамин тавр мегӯяд. Маҷлисе, ки бояд 30 дақиқа вақтро гирад, ба дуюним соат давом медиҳад ва ин аҳмақист… одамон дар бораи «боақлӣ ва дурбинии Директор», ё «иҷроиши бо маҳорати ин ё он иштирокчӣ», ё «файласуфи бузурги санъат, ки ёрӣ медод» ҳарф мезананд… охиронашро ман нағз мебинам… Ҳамааш дар бораи фалсафа…ягон чизи амалӣ гап намезананд. Онҳо оиди фалсафаи баланди худ муҳокима мекунанд ва якдигарро аҳсангӯӣ мекунанд (дар ҷамъомад ман бисёр истилоҳҳои қабеҳро истифода бурдам, аммо ман онҳоро дар ин ҷо такрор намекунам… зеро ки хурдсолонро натарсонам… ҳеҷ вақт намедонӣ, ки мехонад…). Ин ба нишасти судӣ монандӣ дорад, ё мисли сӯҳбати ашрофон…

Инак, очиради ман ҳам омад… Ман ба онҳо гуфтам… чӣ фикре доштам гуфтам.

Ман ба онҳо оиди мавқеъи анъанаи ҷаз ва омӯзиши он дар ғарб ва чӣ тавр ин ба онҳо мусоидат карда метавонанд; Ман ба онҳо гуфтам, ки аз «мастер классҳо» дур шаванд ва ҷониби коргоҳҳо нигоҳ кунанд, ки дар воқеъ ба донишҷӯён ёрӣ расонида метавонад ва ба санъатчиён имконияти муошираткуниро медиҳад; Ман ба онҳо гуфтам, ки бояд бештар ва бештар мусиқии ғарбиро илова намоянд, барои он ки донишҷӯёни онҳо дар вакуум мехонанд, ба воситаи тақлидкунӣ, ки ба ривоҷи таҷриба халал мерасонад; Ман гуфтам, ки агар онҳо хоҳанд ба муваффақият ноил гарданд, онҳо бояд ҷазро дар ҷои мувофиқ гузаронанд, на дар толори консертӣ (мисли осорхона) ва маҷбурӣ одамонро 5 соат даст нагиранд, ин чорабинии хуб аст гуфта; ва ниҳоят, ман ба онҳо гуфтам, ки «ба якдигар аҳсангӯиро бас кунанд» (ба ин ҷо истилоҳи қабеҳро гузоред), зеро бо ин корашон онҳо ба ҳеҷ кас кори фоидаовар намерасонанд…

***Demetrius Spaneas***

***http://www.dspaneas.com/2010/06/tajikistan-i-dushanbe-jazz-festival/***

# Санъати муосир дар фазои тиҷоратӣ

Намоишгоҳе, ки аз 30-юми март то 12-уми апрел дар фазои тиҷоратии бошукӯҳи замони пеш – ЦУМ гузашт, ки ин маркази савдоӣ равишҳои давраи гузаштаро ба худ нигоҳ дошта, мехоҳад, ки воқеияти тиҷоратии худро дар давраи муосир ҳам нигоҳ дорад. ЦУМ барои санъати муосир майдони хеле хуб шуд, ки гузаронидани намоишгоҳ дар он ҷо, иқдоми ташкилотчиёни ин чорабинӣ - Раёсати Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ, буд.

«Модалнокӣ» - зарурият буда, худи мафҳум бо қонун тасаввурот меёбад, вале қонуни ҳуқуқи неву



балки бо қоидаҳои ҷамъиятӣ, ки риоя накардани онҳо ба маломату таҳқирҳо меоранд.

Пас кадом «модалнокиро» дар муносибатҳои гендерӣ, куратор Ҷамшед Холиқов ва рассомони муосир инъикос кардан мехостанд?

Чандто корҳои эҷодиро таҳи мафҳуми «ҳамаи корҳои доҳиёна – сода мебошанд» ҳамҷоя кардан мумкин аст. Яъне ин ҳақиқатест, ки дар воқеъ бо вақт озмуда шудааст, ва асос барои коллажи Сулаймон ва Озар Шарифӣ «Асрори гумшуда», Мона Лизаи да Винчи инро тасдиқ намуд. Ҳамҷоякунии шоҳасар ва зарофат – варианти бурднок мебошад. Дар назари аввал, ба қиёфаи аз китобҳои мактабӣ монандӣ дорад, аммо чунин равандро танҳо рассом қайд карда метавонист, ки чӣ тавр корубори ҳаррӯзаи занона, онҳоро ба як чорчӯба, марра мебанданд. Дар ин ҷо бошад чорчӯбаи шоҳасари андозааш аслӣ, тараққиёти иҷтимоии зан мебошад.

Кори эҷодии Алексей Румянсев «Taj Kung Fu» барои бисёри тамошобинон дар аввал нопадидор менамуд, зеро ки бо лавҳаи «Молҳои арзишӣ» наздик меистод ва чопи банерӣ бошад, мисли таблиғоти маҳсулотҳо, мисли таблиғоти арзон менамуд. Вале бо вуҷуди ин чунин ҷойгиршавӣ ба ин кори эҷодӣ маънои зиёдтар мебахшид. Дар он коргар ҳамчун варзишгар – дар намудҳои гуногун ростистодааст, мисли сурате аз китобҳои солҳои 90-ум нусхабардорӣ шуда, мебошад. Яъне даврае, ки филмҳои нахустини дар сабки экшн бо намудҳои гуногуни варзишҳои шарқӣ пайдо шуда буданд. Давраҳое, ки наврасон орзу мекарданд, то ки ба қаҳрамонони ин гуна филмҳо монанд шаванд ва ҳозир бошад деворро бо услуби «Taj Kung Fu» таъмир мекунанд.

Кори эҷодии дигари Алексей «Якуми май» мебошад, ки бо услуби папье-маше эҷод карда шудааст. Симои кӯдаке, ки дар бозор салафанҳоро мефурӯшад, формулаи зисти оиларо инъикос мекунад, яъне падар – гастарбайтер, модари серфарзанд, калониаш мактабро партофтааст… Гантел ӯро танба медиҳаду гӯё аробаи ӯро аз пушти харидор бо гапҳои «Ёрдам» медавонад. Аммо ин кори эҷодӣ дар назди арӯси мӯдпараст - инсталлятсияи бо ном «Фаранҷӣ» гум мешуд, ва аз дигар тараф онро кори эҷодии Вера Карнаухова «Маро модар барои муҳаббат офаридааст» бо ҳунари баланди эҷодшудааш соя мекард. Дар ҷилои рангҳои дилгарм ва баъзан ғайритабиии баландҷило, ки дар ин расм ҳастанд, тақдири фоҷианоки зан ниҳон шудааст. Ҳангоме ки ҳаёти одативу табии ҷомеаи мо, болу пари орзуҳои ҷавон духтаронро калта мекунад. Кори эҷодӣ дар аввали экс-

# Санъати муосир дар фазои тиҷоратӣ

позитсия ноаён шуда монд. Ин кор фазои дигар ва иҷроиши дурусттарро талаб мекунад.

Раванди ин дунё чунин аст, ки рассомон торафт перфомансро, барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ғояҳои худ, истифода мебаранд. Ҷолиби диққат аст, ки «Модалнокӣ» бо перфоманси донишҷӯёни коллеҷи рассомӣ Вера Карнаухова, Умеда Кутфудинова, кушода шуд. Худи ғояи перфоманс, ки «Ягонагӣ дар гуногунӣ» мебошад, барои ҷомеаи мо хеле воқеӣ аст, аммо услуби иҷроиши ин кори эҷодӣ хоҳони боз ҳам беҳтар иҷро шуданро металабад. Эҳтимол ноаниқии тайёр шудани либосҳо барои перфоманс, метавонад ҷузъи фикри пешакии рассомон бошад, вале синхроният ва дақиқӣ дар дараҷаи баландтар бояд бошанд. Ва садо хеле муҳим аст, бесадоӣ ё садои кафш.

Слайд-шоуи Ғайрат Усмонов «Рақси оташ» ба масъалаи худсӯзии занон истинод мекунад, ки ҷонфидои асосҳои анъанавӣ ва беилоҷии ҳаёт мебошанд. Оҳанги ҳамроҳикунанда ҳудуди нозуки байни рақси оташ ва зани дар оташ мерақсидаро тасвир мекунад. Ва чӣ қадаре, ки ғамангез бошад ҳам, симои зани дар оташ мерақисда пурэҳсостар мебошад. Силсилаи суратҳои «Дар» ҳаргиз тасвири қафаси хона нест, лекин он стаҳи ҳамвору суфташуда ба




муҷассамае, ки ҷомеа онро барои зан сохтааст шабоҳат медиҳад, яъне зан-ғулом пушти девори пурнеъмат.

Силсилаи суратҳои Ҷамшед Холиқов «Марҳамат ба Эдем», ки дар назари аввал хандаовар мебошад, вале ба андешаҳо оиди дар чаҳорчӯбаи қонуни




анъанавӣ дармондани тақдири зан дар Тоҷикистон, мебарад. Нуқсон дар чӣ бошад? Таваллуди духтар, тарбияи волидайн? Шояд асосҳо мисли қафас ҳастанд? Чунки тарзи либос пӯшии аврупоӣ, чӣ тавре ки рассом қайд кардааст, аз занҷир баромаданро кафолат намедиҳад.

Албатта барои тамошобини муқаррарии намоишгоҳи «Модалнокӣ», экспозитсияҳо аз рӯи мазмун ба муҳориба зидди анвои нашъа ва ҳар гуна «промо» маводҳо монандӣ дошт.

Дар ин ҷо масъалаи дарк шавии санъати муосир бо оммаи васеъ бармеояд ва махсусан масъалаи ҷалб намудани теъдоди бештари тамошобинон яке аз мақсадҳои асосии ташкилотчиёни ин лоиҳа буд. Санъати муосири Тоҷикистон ба фазои нави намоишӣ баромад ва зарурият пайдо шуд, ки бо тамошобинони ба ин гуна санъат тайёр набуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронем.

***Анна Басанова***

Bactria_Book Shelf

## Ноилоҷӣ илоҷ дорад? Дар романи Жилберн Синуэ

**Ноилоҷӣ илоҷ дорад? Дар романи Жилберн Синуэ**

Саҳифаи ҳаёт варақ зада шуд, бар гузаштаҳо хат зада, онҳоро фаромӯш карда шуд. Дигар он муҳаббати ҳамаро фарогиранда гум шуд, ки замоне тамоми вуҷуди Рекардо Викарессро мисли рағбати оташи вулқонӣ, бо як расидани Флора – яъне зане, ки муҳаббат ва хушбахтии аввалину ҳақиқии ӯ буд, ба ҷӯш меовард. Ӯ муҳаббаташро аз дилаш рондааст. Ҳеҷ чиз дар ин ҳаёт барои ӯ маънӣ надорад, ғайр аз зане, ки ӯ ҳар шаб дар хобаш мебинад. Зане, ки се ҳазор сол пеш аз олам чашм пӯшида буд ва акнун дар хобҳои ӯ аз нав эҳё шудааст, то ки пас аз фироқи тӯлонӣ боз бо ӯ ҳамҷоя шавад.

Жилберн Синуэ – психолог-фрейдист, донандаи эҳсосотҳои чуқуру ниҳонӣ, ба қаҳрамони асосии романи худ «Шабҳо ва Рӯзҳо», ки Рекардо Викаресс мебошад, тасаввуротҳоеро аз хаёлотҳои шаҳвонии бешумори пешинааш инъикос мекунад, ки онҳо ӯро ором намегузоранд, васваса карда ба ҳолати экзалтатсионӣ мебаранд. Чунин ҳолати гирифторӣ ва хоҳишҳои беитоатнок, Рекардо Викарессро аз муҳити воқеӣ дилгир мекунад. Ҳамаи ҳиссиётҳо дар ӯ, ба шиддати ногуворе, ки ӯ то он вақт эҳсос накарда буд, мерасиданд. Ӯ ҳаёти хеле рангоранг дид, мурд ва боз таваллуд шуд, бо рағбати беҳаду канор ошиқ буд, ва баъдан бо дӯстдоштааш боз дар фироқи абадӣ гирифтор шуд. Ҳайкалчаи киклидикии пурасрор (ҳайкалчаи маросими дафн дар фарҳанги Миной, ки дар вақти қурбонӣ барои худоёни мардҳо ва занҳо, истифода мешуд), ҷазираи мудавваре, ки онро ҳеҷ кас намедонад, ибодатхонаи вайроншуда дар Крит, Кносси хомӯш, тасвирҳои норавшани деворҳо, лабиринтҳои Юнони Қадим ва дар ҳама ҷо ӯ - Сара, духтарак е аз ҳаёти дар хобаш буда, симоҳое, ки вай ҳар шаб, такрор ба такрор медид. Ӯ, чӣ кор карданашро намедонист, ӯро заифӣ азоб медод. Ӯ боре қарор карда буд, ки нафас гирифтан ва фикр карданро бас кунад, то абад хомӯш шавад, шах шавад ё он ки баръакс чунон дод гӯяд, ки тамоми ҷаҳон ба ларзаояд ва азобеи дар дил доштааш берун бараояд… Аммо ӯ бо ин ҳеҷ чизро комёб нагашт. Ҳамааш бар бод шуд. Ӯро танҳо оянда ба худ ҷалб мекард – ояндае, ки дар хоб дида буд ва ҳиндуи америкоӣ Янпа ба ӯ пешгуфт кард – сайёҳати бузург. Ҳинду-шаман – рамзи ондунёӣ ва қувваи фавқуттабӣ – охирон аз қабилаи техуелчиҳо ва ӯ, Рекардо ягона аз қабилаи хейрок – ҳар дуро тақдир танҳо мондааст. Ӯ беист мекӯшид, то ки мазмуни гумшудаистодаро аз даст надиҳад, бо номаълумӣ ва беқарорӣ дар дил доштааш ҳамаро фаҳмонад ва фаҳмад, мекӯшид то ки тасалоро аз оне, ки ҳама чизро медонад ва ба ӯ бовар карда метавонад, ёбад, шарҳи хобҳояшро фаҳмад. Аммо муроҷиатҳо ба психоаналитикҳои машҳури шаҳри Бона-Сайрес – Анселмо Толедано ва Аделме Майзани, қаҳрамонро боз ҳам чуқуртар ба қаъри даркнашаванда мепартояд. Психоанализро ӯ ҳамчун сафсатаи илмӣ эътироф меунад, ки шарҳи хоб ва ҳолати руҳии ӯро эзоҳ дода натавонитааст.

Ӯ ҳеҷ тоқати дигаре надошт, дилаш фишор медод ва чун санг ба қафаси синааш мезад - ӯ ҳамаи рамзу пайвандҳоро сӯзонид, хонаро, ки он ҷо таваллуд шуда буд, плантатсияро ҳам партофт ва дили ягона занеро, ки дар ҳақиқат дӯст медошт, шикаст… ва Аргентинаро тарк кард. Гӯё кадом овозе ӯро ба назди Сара мебурд, шамол, замин, дарахтон, дарёҳо ва баҳрҳо пичирос мезаданд – ҳеҷ чиз дар бораи он даҳшатҳое, ки дар пеш буд, ва печутобҳои тақдир маълум набуд… Ӯ бояд 22 рӯз роҳ мерафт ва ҳазорон километр роҳро тай мекард, вале ӯ ба садои қалбаш боварӣ дошт ва умеди ӯ мустаҳкам буд.




Ӯ ҳамаро ғолиб омад. Ӯ аз дасти тақдир ҳақиқатро ва тасдиқотро оиди хобҳои худ гирифт – акнун ӯ бо боварӣ гуфта метавонад, ки девона нест. Ҳар як ҷузъи хоби ӯ вуҷуд дошт, аммо мавҷудияти Сара ҳоло маълум набуд, шояд ин танҳо шабаҳи хайёлоти ӯ бошад? Археологон Эванс ва Мариос Стергиу ба ӯ асрори бол-боли ҳам ҷамъ шударо кушоданд – ҳамааш вуҷуд доштааст, ҳам ҳайкалчаи пурасрори киклидикӣ, ҳам ҷазираи мудавваре, ки онро ҳеҷ кас намедонад ибодатхонаи вайроншуда дар Крит, Кносси хомӯш, тасвирҳои ноаёни деворҳо, лабиринтҳои Юнони Қадим ва Тир – ҳамон шаҳре, ки он ҷо Рекардо мурдааст, ки он ҷо ӯ Сараро дидааст – шаҳре, ки таҳи гудозаи вулқонӣ гӯршудааст. Ягон сонияро гум накарда - ӯ се ҳазор сол интизор буд, ба назди Александр Влазка, рассом, меравад. Ӯ ҳам замоне мисли Рекардо бо гузаштаи партофташуда, аммо бе умед ба оянда мебошад. Ӯ медонист, ки чӣ тавр духтаракро, ки дар рӯяш хол дошт дар ин шаҳраки хурд биёбад. Масоҳати шаҳрак 80 километри квадратӣ буд ва сокинонаш дар назди тирезаи хонаҳояшон нишаста, якдигарро хуб медонистанд. Ӯ бо рассом рӯзу шаби дароз, мисли дӯстони деринаи пас аз фироқи тӯлонӣ воҳӯрда, гап мезаданд. Ин гуфтугӯи саргуми ду мард буд – якеаш муҳаббаташро меҷуст – ва дигаре замоне онро гумкарда буд. Ин гуфтугӯи ошкор, дар бораи эҳсосотҳои ниҳони инсонӣ буд.

Барои чӣ рассом мехост ҳамроҳӣ кунад ва барои чӣ қарор дод, ки оиди рафти ин қисса мушоҳида кунад, шояд мехост исботи андешаҳои худро пайдо кунад, ё он ки мисли гирифторе боз он эҳсосотҳоро, ки замоне ҳис мекард, ёбад? Мисли Пигмалион, ӯ худоро илтиҷо мекард, ки бо Сара воҳӯрад – чун худро ба ин зан бахшида буд. Феста – шаҳре, ки духтараки ӯ нақл кардагӣ зиндагӣ мекард. Аз эҳсосоти дар дилаш пуршуда, ба худ ҷо наёфта, ӯ мисли девона ба Феста равон шуд ва хушбахтии худро ёфт. Хушқаду қоматию нозукандомии Сара бо он хосиятҳое, ки дар зани комил айён мешавад ҳамоҳанг шуда буданд. Ӯ бенуқсон буд. Нигоҳи тӯлонии Риккардо ба Сара ягон нуқсе намеёфт, ягон каму косте набуд. Ҳамон, ки ин муҳаббат бошад, фарёди муайяннашаванда, хоҳиши пурра худро сӯхтан, хокистар шуда… ва майли шефтагии бо як одам ҳамҷоя зистан, ки ӯ туро ҳис мекунад, бо ӯ ягдил шудан, танҳо бо ӯ нафас кашидан, зистан, андеша кардан… Ишқе, ки ҳатто худоҳо ба он ҳасад мебаранд, ки на ба ҳар кас ато мешавад. Ишқи аз ақл берун, ки он аз воқеият дур мекунад. Ишқе, ки хушбахтӣ ва маргро меорад… ва Худоёне, ки ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки чунин ишқ мавҷуд бошад. Хушбахтӣ ва қисмати талх, ки ҳамҷоя ҳастанд. Ишқи Тристан ва Изолда, Ромео ва Ҷулетта… Ва ҳамин гуна интиҳо. Оё меарзад, ки бо одаме чанд рӯзе зиндагӣ карда ва боз фавтидан… пас аз се ҳазор сол, эҳё шуда, ба хотир овардан ва ба ҷустуҷӯ рафтан. Бехабар аз оянда. Ана онҳо аллакай ба Аргентина тариқи киштӣ равонанд, Рекардо, гӯё ӯро боз ба се ҳазор сол гум мекунаду хатареро ҳис карда, бо ҷӯшу хурӯш Сараро ба оғӯши худ гирфта, гӯё, мехоҳад дар ӯ об шавад… аммо киштии тақдири онҳо ғарқ мешавад.

Роман «Рӯзҳо ва Шабҳо»-ро аз рӯи жанр, чун этюди психоаналитикӣ номидан мумкин, афсонаи файласуфӣ. Роман хеле бофта мебошад, фантастикӣ мебошад, идеяи давриро дорад, яъне кӯчидани рӯҳ, гарчанде, ки нав набошад ҳам, аммо ба асари Жилберн Синуэ фантазияи калонро мебахшад. Муаллиф, гӯё хонандаро оиди нотавон будани инсон бар табиат, оиди саъйи беҳуда барои дигаргун кардани ноилоҷӣ, ҳангоми баръакси тақдир рафтан, таъкид мекунад. Ин ба роман ноумедӣ медиҳад.

**Хонд, Сӯҳроб Мирзоалиев.**